лоиҳа

Замимаи 1
ба қарори ҳайати мушовараи
Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « »__________соли 2017, №__

# БАРНОМАИ
идоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Барнома) барои таъмини иҷрои чораҳои зиддикоррупсионии пешбининамудаи Конвенсияи СММ зидди коррупсия, ки аз ҷониби Тоҷикистон 25 сентябри соли 2006 дар шаҳри Ню - Йорк ба имзо расидааст ва бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2008, №952 тасдиқ гардидааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005, №100 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ», Стратегия муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи 2013, №1504 тасдиқ шудааст, Тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти истамбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ пас аз даври 3-юми мониторинги Тоҷикистон (Ҳисоботи фосилавии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои тавсияҳои даврҳои 1 ва 2 мониторинги Тоҷикистон аз 23-26 марти соли 2015), Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва дигар санадҳои барномавӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, ки чораҳои тақвияти мубориза ба коррупсияро пешбинӣ намудаанд, таҳия гардидааст.

2.Масъалаи муқовимат бо коррупсия, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, пайваста таҳти назари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 қайд намуданд, ки «Мушкилоти дигаре, ки рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишварро халалдор намуда, боиси нигаронии шаҳрвандон шудааст, содир гардидани кирдорҳои коррупсионӣ мебошад. Соли равон аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия

пурсиши сотсиологӣ оид ба арзёбиии вазъи коррупсия гузаронида шуд.
Тибқи ин назарсанҷӣ коррупсия аз ҳама бештар дар сатҳи сохтору мақомоти идоракунӣ ба назар расида, дониши пасти ҳуқуқии шаҳрвандон

ва хоҳиши зудтар ҳал намудани мушкилоти худ ҳамчун сабаби содир намудани амалҳои коррупсионӣ арзёбӣ шудааст.».

3.Мутобиқи Конвенсияи СММ зидди коррупсия яке аз вазифаи давлат, аз ҷумла дастгоҳ ва мақомоти давлатӣ мусоидат кардан ба қабул ва таҳкими чораҳои пешгирии судманд ва таъсирноки коррупсия ва мубориза бар зидди он мебошад.

Дар ин Конвенсия ҳамчунин як қатор чораҳои зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла, ташаккули низоми қабул ба кор, интихоб, адои хизмат, болоравӣ дар хизмат, ба истеъфо баромадани хизматчиёни гражданӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ дигар шахсони ба вазифаҳои оммавӣ интихобнашаванда, ки ба принсипҳои самаранокӣ, шаффофият ва фаъолияти бенуқсон, адолатнокӣ ва қобилият асос меёбад, коркарди расмиёти зарурии интихоб ва омода намудани кадрҳо барои ишғоли мансабҳои оммавӣ, ки махсусан аз нигоҳи коррупсия осебпазир мебошанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ анҷом додани ротатсияи онҳо, мусоидат ба татбиқи барномаҳои маърифатӣ ва таълимӣ, ки ба кодексҳо ё меъёрҳои рафтор асос меёбанд, иҷрои дуруст, бовиҷдонона ва муносиби вазифаҳои оммавӣ ва омодагии зарурӣ ва дахлдорро таъмин менамоянд, то ки шахсони мансабдори оммавӣ хавфҳои вобаста ба коррупсия ва ба иҷрои вазифаҳояшон алоқамандро амиқ дарк кунанд, ҳамчунин муқаррар кардани меъёрҳо нисбати номзадҳо барои интихоб ба вазифаҳои оммавӣ, истифода бурдани кодексҳо ё меъёрҳои рафтор барои иҷрои бовиҷдонона ва дахлдори вазифаҳои оммавӣ пешбинӣ шудаанд.

4. Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005, №100 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» коррупсия - кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин мувофиқи Қонуни мазкур муқовимат ба коррупсия - фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, дар доираи ваколатҳо ва вазифаҳои худ, инчунин шахсони воқеӣ дар самти пешгирии коррупсия, аз ҷумла оид ба ошкор ва бартарафсозии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия (пешгирии коррупсия), дар самти ошкор кардан, кушодан, рафъ намудан ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ (мубориза бо коррупсия), оид ба кам ва бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, дар самти мусоидат дар пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, рафъ намудан ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ муайян гардидааст.

Дар робита ба ин ҷиҳати рафъ ва паст намудани шиддати он марҳила ба марҳила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ барои тақвияти мубориза бо коррупсия қабул карда мешаванд.

5.Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои суистифодаи вазъи мансабӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005, №100 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» барои хизматчиёни давлатӣ як қатор чораҳои зиддикоррупсионӣ муқаррар гардидааст.

6.Дар Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда, таҳия ва татбиқи он ба иродаи олии сиёсати Сарвари давлат марбут дониста мешавад.

Мақсади Стратегияи мазкур ба паст кардани сатҳи коррупсия дар кишвар, мунтазам бартараф намудани монеаҳо, ташаккули шароит барои рушди иқтисодиёт, рушди арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ равона гардидааст.

Дар Стратегия такмилдиҳии идоракунии давлатӣ, механизмҳои таҳлили хавфхои коррупсия, поквиҷдонӣ, шаффофият, ташаккули ҳукумати электронӣ ва дастрасӣ ба иттилоот, пешгирии коррупсияи сиёсӣ, такмил додани кодексҳои касбии одоб ва сиёсати кадрии хизмати давлатӣ, низоми хариди давлатӣ, такмили назорати давлатии молиявӣ, пешгирии коррупсия дар соҳаи маориф ва тандурустӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии татбиқи он пешбинӣ шудаанд.

Дар тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти истамбулии Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ пас аз даври 3-юми мониторинги Тоҷикистон (Ҳисоботи фосилавии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои тавсияҳои даврҳои 1 ва 2 мониторинги Тоҷикистон аз 23-26 марти соли 2015) чораҳо оид ба иштироки фаъолона дар таҳия, татбиқ ва баҳодиҳии стратегияи зиддикоррупсионӣ, пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, мониторинги самаранокии татбиқи Стратегия, ҷорӣ намудани мафҳуми ягонаи «шахси мансабдор», танзими бархурди манфиатҳо, тавзеҳи принсипҳои хизмати давлатӣ дар Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, такмили механизми назорати Кодекс, таҳия ва қабули кодексҳои махсуси одоб (рафтор) дар соҳаҳое, ки хавфи коррупсия ҷой доранд, эъломиякунонии манфиатҳои шахсӣ, эъломиякунонии даромадҳо ва молумулки хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи онҳо, таҳсилоти зиддикоррупсионии хизматчиёни давлатӣ, омӯзиши одоби хизматӣ ва бархӯрди манфиатҳо, андешидани тадбирҳо оид ба ҳимояи хизматчиёни давлатӣ аз татбиқи чораҳои интизомӣ ё таъсиррасонии хизматӣ дар ҳолате, ки онҳо дар бораи гумон оид ба коррупсия ё дигар амалҳои нодуруст дар ташкилоти онҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар мерасонанд ва ҳангоми баргузории озмун пешбинӣ намудани расмиёте, ки холисона ва беғаразона қабул намудани довталабонро таъмин менамояд, пешбинӣ гардидаанд.

7.Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мубориза бар зидди коррупсия ба сифати афзалиятҳои асосии рушди кишвар муайян гардидааст.

Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 пешбинӣ менамояд, ки минбаъд пайваста анҷом додани фаъолияти тамоми дастгоҳи давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ташаккул додани тадбирҳои амалӣ вобаста ба гирифтани пеши роҳи рушди омилҳои коррупсионӣ бояд дар қатори қадамҳои афзалиятнок дар раванди рушди миллӣ гузошта шавад.

8. Вобаста ба иҷрои бандҳои 1, 2 ва 5 Нақшаи кори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 ҷиҳати амалисозии «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», ки бо қарори Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2016, №2К/54-31 тасдиқ шудааст ва ҷамъбасти ҷараёни иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, дар моҳи майи соли 2017 дар назди Донишкадаи идоракунии давлатӣ таъсис додани Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия, дар соҳаҳои идоракунии давлатии дорои эҳтимолияти афзоиши хавфи коррупсия гузаронидани таҳлили интихобии хавфи коррупсия пешбинӣ карда шудааст.

9. Бо фармоиши Агентии хизмати давлатӣ аз 7 декабри соли 2016, №224 Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ ҷиҳати иҷрои бандҳои 15 ва 16 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 2016, №12 тасдиқ гардид, ки дар он масъалаҳои омӯзиши гузориши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Рустами Эмомалӣ дар Агентии хизмати давлатӣ, ба роҳ мондани омӯзиши гузориши мазкур дар курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ ва машғулиятҳои идоравии хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ, омӯзиши масъалаҳои муқовимат ба коррупсия ҳангоми гузаронидани санҷиши ҳолати иҷрои қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ, гузаронидани мониторинг дар мақомоти давлатӣ вобаста ба ҷой доштани ҳолатҳои коррупсионӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ дар солҳои 2016-2017 пешбинӣ гардида, мавриди иҷро қарор дода шудааст.

10. Оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 ва дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидаанд (Нақшаи чорабиниҳо бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2017, №АП-820 тасдиқ шудааст), бо қарори ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатӣ аз 11 январи соли 2017, №2 Нақшаи чорабиниҳо тасдиқ гардид ва масъалаҳои такмили раванди озмун, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ андешидани чорабиниҳои иловагӣ ҷиҳати пешгирии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб дар мақомоти давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи идоракунии давлатӣ зимни курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва

тачрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ ташкили баргузории омӯзиши мавзӯъҳо доир ба пешгирии коррупсия пешбинӣ гардидаанд.

11. Бо мақсади иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 10 - солагии таъсисёбии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз 14 январи соли 2017 бо фармоиши Агентии хизмати давлатӣ аз 6 феврали соли 2017, №18 Нақшаи чорабиниҳо тасдиқ карда шуда, таъмини саривақтӣ ва босамари «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», иштирок дар чорабиниҳои таълимиву тарғиботӣ ҷиҳати ба хизматчиёни давлатӣ фаҳмонидани моҳияти сиёсати давлат дар самти муқовимат ба коррупсия ва дар ин радиф баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо, ташкили ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати пешгирии қонуншиканӣ аз тарафи хизматчиёни давлатӣ ва дигар чорабиниҳо пешбинӣ шуда, мавриди иҷро қарор дорад.

12. Дар назорати Агентии хизмати давлатӣ иҷрои тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти истамбулии Шабакаи мубориза ба коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ қарор дошта, таҳия ва қабули барномаҳои таълимии зиддикоррупсионӣ, такмили низоми эъломиякунонии манфиатҳои шахсони мансабдор, танзими бархурди манфиатҳо ва таҳия намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии бархурди манфиатҳо дар мақомоти давлатӣ» ва ғ. пешбинӣ гардидааст.

13. Ҷиҳати иҷрои нақшаҳои чорабиниҳо оид ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба эстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои солҳои 2015-2020, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 нақшаи тадбирҳои Агентии хизмати давлатӣ тасдиқ гардида, мавриди иҷро қарор доранд.

14. Дар робита ба масъалаҳои муқовимат бо коррупсия Агентии хизмати давлатӣ ҳамасола тадбирҳои муайянро амалӣ менамояд.

Аз ҷумла, ҷиҳати иҷрои Стратегияи мазкур фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2013, №174 Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионӣ дар Агентии хизмати давлатӣ барои солҳои 2013-2014 ва Нақшаи чорабиниҳои он барои солҳои 2013-2014 тасдиқ гардида, мавриди иҷро қарор дода шуд.

Бо мақсади таъмини иҷрои санадҳои зикршуда дар Агентии хизмати давлатӣ тадбирҳои муайян андешида шуданд.

15. Рафти иҷрои бандҳои дахлдори Стратегия ва Барномаю Нақшаи чорабиниҳои идоравӣ дар маҷлисҳои назоратӣ ва ҳайати мушовара мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Аз ҷумла, рафти иҷрои Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ барои солҳои 2013-2014 рӯзи 29 ноябри соли 2014 дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатӣ мавриди муҳокима қарор дода шуда, роҳбарони воҳидҳои сохтории Агентии хизмати давлатӣ вазифадор карда шуданд, ки муқовимат ба коррупсияро самти афзалиятноки фаъолияти воҳидҳои сохторӣ донista, корҳои фаҳмондадиҳиро оид ба моҳият ва ҳадафҳои

Стратегияи зикршуда дар байни хизматчиёни давлатӣ ба таври васеъ ба роҳ монанд. Иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатиро таъмин намуда, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро мутобиқи талаботи қонунгузорӣ баргузор кунанд.

16. Бо қарори ҷаласаи ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатӣ аз 29 ноябри соли 2014 Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ барои солҳои 2015-2016 ҷиҳати иҷрои Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи зикршуда тасдиқ карда шуда, мавриди иҷро қарор дода шуд.

Санаи 30 июни соли 2015 дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатӣ иҷрои бандҳои дахлдори протоколи №37-11 ҷаласаи васеи Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба муқовимат ба коррупсия дар доираи Стратегияи мазкур баррасӣ шуда, оид ба пурзӯр намудани мубориза ба амалҳои коррупсионӣ қарори дахлдор қабул гардид.

Минбаъд, 5 январи соли 2016 дар ҷаласаи машваратии назди директори Агентии хизмати давлатӣ таваҷҷуҳи ҳайати роҳбарикунанда ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи зикршуда, тавсияҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи амалиёти истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионӣ барои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ва Нақшаи кории Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 ҷалб карда шуданд.

Санаи 31 майи соли 2016 фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатӣ баррасӣ шуда, қарори дахлдор қабул гардида, рафти иҷрои он назорат карда мешавад.

Аз натиҷаи корҳои анҷомдода ба унвони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳо ирсол карда шудаанд.

Бо назардошти он, ки мувофиқи банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва банди 2 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи мазкур Барнома ва Нақшаи кории дохилиидоравӣ барои ҳар ду сол таҳия ва тасдиқ карда мешавад ва аз давраи қабули Барномаи Агентии хизмати давлатӣ 4 сол гузашта, на ҳамаи чорабиниҳоро вобаста ба муқовимат ба коррупсия дар бар гирифтааст, зарурати таҳияи Барномаи мазкур ва Нақшаи татбиқи он дар таҳрири нав ба миён омад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

Мақсади Барномаи мазкур ин ташаккули низоми зерини муқовимат бо коррупсия дар фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ мебошад:

-фароҳам овардани шарту шароитҳои пешгирии коррупсия;

-такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ;

-таъмини талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия;

-таҳия, қабул ва амалисозии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, ошкор ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

-ташаккули фазои оштинопазирӣ нисбат ба коррупсия ва ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ;

-баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ ва таъмини иштироки фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия;

-таъмини шафофияти фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ;

-баланд бардоштани самаранокии назорати дохилӣ дар Агентии хизмати давлатӣ;

-дар фаъолияти мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ;

Комёб шудан ба мақсадҳои Барнома бо роҳи ҳалли вазифаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

-таҳлили соҳавии хавфҳои коррупсия;

-баланд бардоштани аҳамиятнокии риояи талаботи рафтори хизматии ҳизматчиёни давлатӣ ва батанзимдарории бархӯрди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ;

-такмили фаъолияти воҳидҳои хадамоти кадрӣ ва ҷорӣ намудани масъулият ва маҳаки нишондиҳандаҳои натиҷаҳои фаъолияти хизматии онҳо оид ба пешгирии коррупсия ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ;

-татбиқи босамар ва мақсадноки маҳдудиятҳо, мамониату уҳдадориҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда бо мақсади пешгирии коррупсия нисбати шахсоне, ки мансабҳои давлатиро ишғол менамоянд;

-баланд бардоштани сифати омодагии касбии мутахассисон дар соҳаи ташкили пешгирӣ ва муборизаи бевосита бар зидди коррупсия;

-ташкил ва таъмини механизми озмун барои қабул ба хизмати давлатӣ дар ҳамаи мақомоти давлатӣ ва дар ин ҷараён таъмин намудани принсипҳои воқеъбинӣ ва беғаразӣ;

-такмили низоми эъломиякунонии расмии даромадҳои хизматчиёни давлатӣ ва аъзои оилаи онҳо;

-татбиқи ниҳоии накшаю чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ дар самти муқовимат бо коррупсия тасдиқгардида.

## 3.ЧОРАБИНИҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

Дар барномаи мазкур чорабиниҳои асосии зерин пешбинӣ карда мешаванд:

-мувофиқи банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва банди 2 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи мазкур ҳар ду сол таҳия ва тасдиқ намудани Нақшаи кории идоравии зиддикоррупсионӣ;

-назоратбарӣ ва баррасии даврии ҷараёни иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Стратегия, Барнома ва нақшаҳои чорабиниҳои идоравӣ, санҷишу таҳлили иҷрои онҳо, дар асоси иттилооти соҳавӣ пешниҳод намудани ҷамъбасти солона;

-андешидани чораҳои мушаххас оид ба таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва некӯаҳволии инсон ва шаҳрванд, таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар мақомоти давлатӣ, ҷойгир намудани маълумоти дахлдор дар сомонаҳои ин мақомот;

-ба роҳ мондани омӯзиши масоили коррупсия, идоракунии муносиби давлатӣ, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ, мунтазам гузаронидани таҳқиқотҳои илмию амалии масоили муҳими мубориза бо коррупсия, ташкили таҷрибаомӯзӣ дар мақомоти зиддикоррупсионии хориҷии дорои таҷрибаи пешқадам ва ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва кор бо техникаи махсус;

-истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма дар самти тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, инчунин нашр ва муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба муқовимат ба коррупсия;

-ба роҳ мондани омӯзиши иловагии қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ташкили курсҳои таълимӣ барои хизматчиёни давлатӣ оид ба риояи одоби хизматӣ, бартараф намудани бархӯрди манфиатҳо ва тақвият бахшидан ба раванди муқовимат ба коррупсия;

-дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия ва судӣ;

-омӯзиши таҷрибаи муваффақи давлатҳои пешқадам оид ба пешгирии коррупсия ва ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ, инчунин оид ба танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ (бо роҳи баланд бардоштани музди меҳнат ва нуфузи хизмати давлатӣ) ва низоми пешгирии бурхӯрди манфиатҳо;

-мониторинги ислоҳоти дастгирии иҷтимоӣ ва музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, ба самъи онҳо расонидани натиҷаҳо ва мавриди муҳокимаи васеъ қарор додани тақвияти ислоҳот байни вазорату идораҳо;

-таъсис ва ҷорӣ намудани сервери ҳукумати электронӣ ҷиҳати ба роҳ мондани мубодилаи фаврии иттилоот байни мақомоти давлатӣ, ҷорӣ намудани гардиши ҳуҷҷатгузории электронӣ. Таъсиси Маркази ягонаи ҳаммонандкунӣ ва шинохт дар системаи Ҳукумати электронӣ;

-татбиқи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ», такмили низоми ғайринақдии пардохтҳо дар муносибатҳои молиявии ҳамаи сатҳҳо, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди қабули қарорҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, назоратбарӣ ва мониторинги амалишавии онҳо;

-дар сомонаи Агентии хизматӣ мунтазам ҷойгир намудани маълумоти дахлдори соҳаи хизмати давлатӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва эълони озмунҳо барои ишғоли ҷойҳои холии мақомоти давлатӣ ва назорати рафти иҷрои он;

-ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиддикоррупсионии соҳавӣ;

-ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳо ҷиҳати муайян намудани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби коррупсия аз ҷониби кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ мунтазам гузаронидани вохуриҳо (бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва интернет);

-такмили механизми ҳуқуқии эъломиякунии даромадҳои шахсони мансабдори давлатӣ ва оилаи онҳо;

-мукаммалсозии қонунгузории танзимкунандаи ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва бойгонӣ, гузариш ба шаклҳои электронии нигоҳдории онҳо, ҷиҳати амалисозии ин мақсадҳо ба роҳ мондани хариди техникаи махсуси нусхабардор, ки тавассути он дар бойгониҳои идоравӣ ва ҷумҳуриявӣ (маҳаллӣ) ҳуҷҷатҳои барои нигоҳдорӣ супоридашуда нусхабардорӣ гардида, ба феҳристи ягонаи электронӣ ворид карда мешаванд;

-таҳияи низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба мансабҳои холии хизмати давлатӣ, ташаккули механизми назорати риояи талаботи тахассусӣ, такмили Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ва ротатсияи онҳо;

-мониторинги натиҷаҳои иҷрои Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ;

-гузаронидани таҳлили интихобии хавфи коррупсия дар соҳаҳои идоракунии давлатии дорои эҳтимолияти афзоиши хавфи коррупсия;

-таъмини иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ»;

-пешбинӣ намудани вазифаи ҷамъоварии маълумоти зарурӣ зимни баррасии муроҷиати шаҳрвандон аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ;

-ҷорӣ намудани фаъолияти доимии видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ) дар толорҳои баргузории озмунҳо барои ишғоли мансабҳои хизмати давлатӣ;

-такмил ва таҳияи кодексҳои одоби касбӣ барои кормандони соҳаҳои бештар ба хавфи баланди коррупсия гирифторбуда дар заминаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои мақомоти дахлдори давлатӣ ҷойгир кардани матни онҳо;

-тариқи пилотӣ дар ҳолати набудани бархӯрди манфиатҳо ба хизматчиёни давлатӣ додани иҷозат барои машғул шудан ба соҳибкории хурд ва фаъолияти меҳнатии инфиродӣ, ҷиҳати амалисозии ин мақсадҳо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор;

-такмили қонунгузории танзимкунандаи хизмати давлатӣ оид ба масъалаҳои такмили соҳаи хизмати давлатӣ, мубориза бо коррупсия, бархӯрди манфиатҳо ва тақвият бахшидани иҷрои он. Мусоидат ба мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати таҳия ва пешниҳод кардани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии бархӯрди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ»;

-ташкили курсҳо ва семинарҳо барои кормандони мақомоти давлатии дахлдор оид ба масъалаҳои аудити берунӣ ва дохилӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ;

Бо мақсади татбиқи Барномаи мазкур ҷиҳати иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2018 ва Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои минбаъда таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

## 4. ИШТИРОКЧИЁНИ БАРНОМА

Ҳамоҳангсози Барнома Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Иштирокчиёни Барнома мақомоти давлатии зерин муқаррар шудаанд:

-Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

-Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа);

-дигар вазорату идораҳо, ки дар Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайримеъёрӣ пешбинӣ гардидаанд (дар мувофиқа ва ҳамкорӣ).

## 5. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ БАРНОМА

Агентии хизмати давлатӣ, Донишкадаи идоракунии давлатӣ ва иштирокчиёни Барнома ҳамасола дар сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷотии худ барои амалигардонии чорабиниҳои Барномаи мазкур маблағҳои зарурӣ пешбинӣ менамоянд.

Маблағгузории Барнома метавонад аз ҳисоби воситаҳои лоиҳаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар манбаъҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда шавад.

## 6. МЕХАНИЗМИ АМАЛӢ ГАРДОНИДАНИ БАРНОМА

Механизми амалӣ гардонидани Барнома чорабиниҳои мушаххасро дар бар мегирад, ки ҷараёни банақшагирӣ ва назоратро таъмин менамоянд.

Муносибатҳои байниидоравии иҷрокунандагон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад.

Агентии хизмати давлатӣ оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 бо натиҷаи ҷамъбасти ҳар сол ба Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот ирсол менамояд.

Иҷрокунанда:
Сайфуддинова Р.Р. 224-08-79

Замимаи 2
ба қарори ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «  »________________ соли 2017, №_____

Нақшаи
чорабиниҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2018 ҷиҳати иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ шудааст

| Р/т | Номгӯи чорабиниҳои Нақшаи татбиқи Стратегия | Номгӯи тадбирҳои Агентӣ оид ба иҷрои чорабиниҳои Стратегия | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|
| **1** | Таҳияи Барномаи идоравии (соҳавии) зиддикоррупсионӣ ва Нақшаи чорабиниҳои он (банди 2 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия) | **1**.1. Таҳия ва пешниҳоди Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ | Майи соли 2017 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |
| | | 1.2. Таҳия ва пешниҳоди Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ ҷиҳати иҷрои Стратегия барои солҳои 2017-2018 | Майи соли 2017 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |
| **2** | Назоратбарӣ ва баррасии даврии ҷараёни иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Стратегия, барнома ва нақшаҳои чорабиниҳои идоравӣ, санҷишу таҳлили иҷрои онҳо, дар асоси иттилооти соҳавӣ пешниҳод намудани ҷамъбасти солона (банди 3 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия) | 2.1. Баррасии ҳолати иҷрои қисмҳои дахлдори Стратегия дар ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |
| | | 2.2. Баррасии ҳолати иҷрои қисмҳои дахлдори Стратегия дар ҷаласаҳои машваратии назди директори Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 2.3. Ҷамъбасти ҳолати иҷро ва пешниҳоди ҳисоботи солона ба Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Декабри соли 2017<br>Декабри соли 2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |
| 3 | Андешидани чораҳои мушаххас оид ба таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва некӯаҳволии инсон ва шаҳрванд, таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ, ҷойгир намудани маълумоти дахлдор дар сомонаҳои ин мақомот (банди 9 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия-Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи чорум) | 3.1. Ба барномаҳои курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дохил намудани омӯзиши санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |
| | | 3.2. Ба барномаҳои курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дохил намудани омӯзиши санадҳои барномавӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |
| | | 3.3. Дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ мунтазам ҷойгир намудани маълумотҳои дахлдори соҳаи хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот |
| 4 | Дар ҳолати зарурӣ дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ҷалб намудани собиқадорони ба синни нафақа расидаи соҳаи хизмати давлатӣ ба сифати мутахассис-машваратчӣ (банди 11 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия) | 4.1. Ҷалби кадрҳои баландихтисоси соҳаи хизмати давлатӣ бо мақсади тарбияи кадрҳои ҷавон ва пурзӯр намудани иқтидорҳои кадрӣ дар Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Бахши кадрҳо ва коргузорӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **5** | - Ба роҳ мондани омӯзиши масоили коррупсия, идоракунии муносиби давлатӣ, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ, таҳлили сабабҳои мавҷудияти коррупсия дар байни кормандони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, мунтазам гузаронидани таҳқиқотҳои илмию амалии масоили муҳими мубориза бо коррупсия ва таҳияи тавсияҳои методӣ ҷиҳати беҳтар намудани самараи тафтишот баҳри пешгирии коррупсия, ташкили таҷрибаомӯзӣ дар мақомоти зиддикоррупсионии хориҷии дорои таҷрибаи пешқадам ва ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва кор бо техникаи махсус (банди 13 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум)<br><br>- Ба роҳ мондани омӯзиши иловагии қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ташкили курсҳои таълимӣ барои хизматчиёни давлатӣ оид ба риояи одоби хизматӣ, бартараф намудани бархӯрди манфиатҳо ва тақвият бахшидан ба раванди муқовимат ба коррупсия (банди 41 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия-Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум)<br><br>- Ба роҳ мондани омӯзиши масоили | 5.1. Ташкили омӯзиши Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои тайёркунии касбӣ (магистратура), азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи идоракунии давлатӣ ва машғулиятҳои идоравии мақомоти давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Шуъбаи Агентии хизмати давлатӣ дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |
| | | 5.2. Ташкили омӯзиши масоили мубориза бо коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла оид ба одоб, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, пешгирии бархӯрди манфиатҳо, муқовимат бо коррупсия ва дигар омилҳои номатлуб | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |
| | | 5.3. Ба роҳ мондани омӯзиши Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи мубориза ба коррупсия дар курсҳои азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси Донишкадаи идоракунии давлатӣ ва | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Шуъбаи Агентии хизмати давлатӣ дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | коррупсия, идоракунии муносиби давлатӣ, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ, мақомоти судӣ ва роҳбарони мақомоти давлатӣ (Тавсияи 12, банди панҷум- тавсияҳои мониторинги даври сеюм)<br><br>- Пешбинӣ намудани шахсони масъул дар мақомоти давлатӣ вобаста ба масъалаҳои назорати дохилӣ, мубориза бо коррупсия, бархӯрди манфиатҳо ва ҷалб намудани онҳо ба курсҳои такмили ихтисос ва хонишҳои идоравӣ дар мавзӯҳои мубориза бо коррупсия ва бархӯрди манфиатҳо (тавсияҳои 4.53 ва 4.54- саволҳои мониторинги даври чорум) | машғулиятҳои идоравии мақомоти давлатӣ | | ҷумҳурӣ<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |
| | | 5.4. Ба роҳ мондани омӯзиши гузориши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз 27 октябри соли 2016 дар курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ ва машғулиятҳои идоравии мақомоти давлатӣ | | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Шуъбаи Агентии хизмати давлатӣ дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |
| | | 5,5. Дар курсҳои такмили ихтисоси Донишкадаи идоракунии давлатӣ ва машғулиятҳои идоравии мақомоти давлатӣ ба роҳ мондани омӯзиши мавзӯъҳои вобаста ба назорати дохилӣ, мубориза бо коррупсия, бархӯрди манфиатҳо | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Шуъбаи Агентии хизмати давлатӣ дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |

<table>
<tr><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td></td><td></td><td>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа)</td></tr>
<tr><td>5.6. Ташкил намудани курсҳои таълимии забонҳои хориҷӣ ва кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ барои кормандони Агентии хизмати давлатӣ</td><td>Солҳои 2017-2018</td><td>Бахши кадрҳо ва коргузорӣ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">6</td><td rowspan="2">- Дар заминаи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия ва судӣ (банди 18 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи дуюм)<br><br>- Ташкил намудани марказҳои байниидоравии илмию таҳқиқотӣ дар назди Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи генералӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлия (банди 64 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия)</td><td>6.1. Дар таркиби Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия ва судӣ</td><td>Соли 2017</td><td>Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа)</td></tr>
<tr><td>6.2. Дар Оинномаи Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия ва судӣ пешбинӣ намудани масъалаҳои илмию таҳқиқотии соҳаи мубориза бо коррупсия</td><td>Соли 2017</td><td>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа)<br><br>Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ</td></tr>
</table>

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | ва назорат |
| | | 6.3. Ташкили курсҳои такмили ихтисос барои кормандони мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия ва судӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот,<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |
| 7 | - Омӯзиши таҷрибаи муваффақи давлатҳои пешқадам оид ба пешгирии коррупсия ва ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ, инчунин оид ба танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ (бо роҳи баланд бардоштани музди меҳнат ва нуфузи хизмати давлатӣ) ва низоми пешгирии бархӯрди манфиатҳо (банди 20 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи сеюм)<br><br>-Мониторинги ислоҳоти дастгирии иҷтимоӣ ва музди меҳнати хизматчиёни | 7.1. Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта оид ба пешгирии коррупсия ва ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ дар хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат<br><br>Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Бахши махзани маълумот ва тестӣ |
| | | 7.2. Гузаронидани мониторинги музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ дар се соли охир (2015-2017) | Соли 2018 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | давлатӣ, ба самъи онҳо расонидани натиҷаҳо ва мавриди муҳокимаи васеъ қарор додани тақвияти ислоҳот байни вазорату идораҳо (банди 34 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум)<br><br>-Таъсис ва ҷорӣ намудани сервери ҳукумати электронӣ ҷиҳати ба роҳ мондани мубодилаи фаврии иттилоот байни мақомоти давлатӣ, ҷорӣ намудани гардиши ҳуҷҷатгузории электронӣ. Таъсиси Маркази ягонаи ҳаммонандкунӣ ва шинохт дар системаи Ҳукумати электронӣ (банди 44 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия) | 7.3. Таҳия ва ҷорӣ намудани тартиби автоматикунондашудаи идоракунии захираҳои инсонӣ ва пайвастани он ба музди меҳнати хизматчии давлатӣ | Соли 2018 | Бахши махзани маълумот ва тестӣ,<br><br>Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ<br><br>Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ |
| | | 7.4. Автоматикунонии ҳисоботи омории соҳаи хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Бахши махзани маълумот ва тестӣ |
| **8** | -Татбиқи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ», такмили низоми ғайринақдии пардохтҳо дар муносибатҳои молиявии ҳамаи сатҳҳо, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди қабули қарорҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, назоратбарӣ ва мониторинги амалишавии онҳо. Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санади қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба | 8.1. Ҷалби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади тақвият бахшидани иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои соҳаи хизмати давлатӣ. Интишори лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | пардохт ва хизматрасониҳо, тартиби пардохтҳои ғайринақдӣ (банди 24 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия);<br><br>-Ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиддикоррупсионии соҳавӣ (банди 29 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия) | 8.2. Ба низоми пурраи пардохтҳои ғайринақдӣ гузаронидани Агентии хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Бахши молия ва муҳосибӣ |
| **9** | Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳо ҷиҳати муайян намудани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби коррупсия аз ҷониби кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридав-латӣ мунтазам гузаронидани вохӯриҳо (бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва интернет) (банди 25 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия) | 9.1. Ташкили чорабиниҳо оид ба муҳокимаи омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби коррупсия дар курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатӣ бо мақсади ташаккули мафкураи зидди-коррупсионии хизматчиёни давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии хизматчиёни давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат<br><br>Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Шуъбаи Агентии хизмати давлатӣ дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **10** | -Такмили механизми ҳуқуқии эъломиякунии даромадҳои шахсони мансабдори давлатӣ ва аъзои оилаи онҳо (банди 35 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум)<br><br>-Нашр кардани мазмуни эъломияҳои пешниҳодгардидаи даромадҳо, махсусан сиёсатмадорон ва шахсони мансабдори олии давлатӣ таҳияи механизми доимии назорат ҷиҳати саривақт пешниҳод намудани эъломияҳо, пуррагӣ ва боэътимод будани маълумотҳои дар онҳо дарҷгардида. Васеъ намудани талабот оид ба хонапурӣ намудани даромадҳо ва амволи ҳамсарон ва фарзандони шахсони мансабдор, такмил додани шакли мавҷудаи эъломия бо назардошти гузариш ба шакли электронии раванди эъломиякунонӣ дар оянда (тавсияи<br><br>12, банди шашум- тавсияҳои мониторинги даври сеюм) | 10.1. Таъминии иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба пешниҳод намудани эъломияҳо аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ тибқи тавсияҳои СҲИР | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ |
| | | 10.2. Омӯзиш ва таҳлили ҷараёни супоридани эъломия оид ба даромад ва эъломия оид ба вазъи молу мулки хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ | Моҳи майи соли 2017 барои соли 2016, моҳи майи соли 2018 барои соли 2017 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ |
| **11** | Мукаммалсозии қонунгузории танзим-кунандаи ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва бойгонӣ, гузариш ба шаклҳои электронии нигоҳдории онҳо, ҷиҳати амалисозии ин мақсадҳо ба роҳ мондани хариди техникаи махсуси нусхабардор, ки тавассути он дар | 11.1. Таъмини нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва молиявӣ дар бойгонӣ, гузариш ба шакли электронии нигоҳдории онҳо ва ташкили феҳристи ягонаи нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ | Солҳои 2017-2018 | Бахши кадрҳо ва коргузорӣ<br><br>Бахши молия ва |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | бойгониҳои идоравӣ ва ҷумҳуриявӣ (маҳаллӣ) ҳуҷҷатҳои барои нигоҳдорӣ супоридашуда нусхабардорӣ гардида, ба феҳристи ягонаи электронӣ ворид карда мешаванд (банди 36 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия) | | | муҳосибӣ |
| **12** | -Пешниҳод намудани низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба мансабҳои холии хизмати давлатӣ, ташаккули механизми назорати риояи талаботи тахассусӣ, такмили Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ва ротатсияи онҳо (банди 37 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ ичрокунандаи якум)<br><br>- Таҳлили вазъи риоя шудани тартиби таъин ба мансабҳои давлатӣ, ки хусусияти дуҷониба доранд ва пешниҳоди гузориш (тавсияи 4.8- саволҳои мониторинги даври чорум)<br><br>- Таҳили ҳолати ичрои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба таъмини устуворӣ дар хизмати давлатӣ мусоидат менамоянд (тавсияи 4.11- саволҳои мониторинги даври | 12.1. Омӯзиши ҳолати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои ишғоли мансабҳои холии хизмати давлатӣ ва пешниҳоди таклифот | Моҳи декабри соли 2017 | Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ |
| | | 12.2. Таҳлили риояи талаботи тахассусӣ ҳангоми қабул ва ҷобаҷогузории кадрҳо ва пешниҳоди таклифот | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ<br><br>Дигар воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ<br><br>Сохторҳои маҳаллӣ |
| | | 12.3. Омӯзиши ҳолати аз тарафи мақомоти давлатӣ риоя шудани тартиби таъин ба мансабҳои давлатӣ, ки хусусияти дуҷониба доранд ва пешниҳоди гузориш | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | чорум) | 12.4. Омӯзиши ҳолати ротатсияи (ҷойивазкунии) кадрҳои роҳбарикунанда дар хизмати давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ<br><br>Дигар воҳидҳои сохторӣ |
| | | 12.5. Пешниҳоди таклифҳо оид ба такмили Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ва Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Соли 2018 | Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ |
| **13** | Мониторинги натиҷаҳои иҷрои Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчиии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизмати давлатии ҳарбӣ (банди 38 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум) | 13.1.Мавриди таҳлил қарор додани самаранокии баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ | Феврали соли 2018 барои соли 2017 | Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ |
| | | 13.2. Омӯзиши рафти иҷрои Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчиии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти давлатӣ ва пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати такмили он | Соли 2017 | Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ |
| **14** | -Дар се сол на камтар аз як маротиба гузаронидани таҳқиқоти маҷмӯии сотсиологӣ оид ба коррупсия ва муқаррар намудани сатҳи он дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо дигар | 14.1. Омӯзиши рафти иҷрои қонунгузории хизмати давлатӣ ва иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2018 дар мақомоти | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат<br><br>Дигар воҳидҳои |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | мақомоти давлатӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва истифодаи натиҷаи таҳқиқот ҷиҳати муқаррар намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ дар сатҳи умумидавлатӣ (банди 43 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия)<br><br>-Гузаронидани таҳлили интихобии хавфи коррупсия дар соҳаҳои идоракунии давлатии дорои эҳтимолияти афзоиши хавфи коррупсия (банди 67 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия)<br><br>-Гузаронидани таҳлили Стратегияи муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020, дигар стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба муқовимат ба коррупсия бо мақсади муайян кардани механизм ва роҳҳои бартараф сохтани хавфҳои коррупсионӣ дар хизмати давлатӣ (тавсияи 4.1- саволҳои мониторинги даври чорум)<br><br>-Гузаронидани мониторинги ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ (тавсияҳои 4.5; 4.31 -саволҳои мониторинги даври чорум ) | марказӣ, маҳаллӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот | | сохтории дастгоҳи марказӣ<br><br>Сохторҳои маҳаллӣ |
| | | 14.2. Дар нишастҳои матбуотӣ ба самъи умум расонидани натиҷаи санҷишҳо ва истифодаи он дар такмили сиёсати зиддикоррупсионӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот |
| | | 14.3. Гузаронидани мониторинг дар мақомоти давлатӣ вобаста ба ҷой доштани ҳолатҳои коррупсионӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат<br><br>Дигар воҳидҳои сохторӣ<br><br>Сохторҳои маҳаллӣ |
| **15** | Муайян кардани механизми дар амал | 15.1. Таъмини иҷрои муқаррароти | Солҳои 2017- | Бахши махзани |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | татбиқ намудани муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» (банди 46 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи чорум) | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» дар фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ | 2018 | маълумот ва тестӣ |
| **16** | Пешбинӣ намудани вазифаи ҷамъоварии маълумоти зарурӣ зимни баррасии муроҷиати шаҳрвандон аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ (банди 47 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи сеюм) | 16.1. Дар дастурамали мансабии сармутахассиси бахши кадрҳо ва коргузорӣ пешбинӣ намудани уҳдадории ҷамъоварии маълумоти зарурӣ зимни баррасии муроҷиати шаҳрвандон | Соли 2017 | Бахши кадрҳо ва коргузорӣ |
| | | 16.2. Ҷамъбасти ҳармоҳаи натиҷаи баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ | Солҳои 2017-2018 | Бахши кадрҳо ва коргузорӣ |
| **17** | Ҷорӣ намудани фаъолияти доимии видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ) дар толорҳои баргузории озмунҳо барои ишғоли мансабҳои хизмати давлатӣ (банди 48 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум) | 17.1. Дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ ҷойгир намудани эълони озмунҳо барои ишғоли ҷойҳои холии мақомоти давлатӣ ва назорати рафти иҷрои он | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ |
| | | 17.2 Назорати таъмини толорҳои баргузории озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии хизмати давлатӣ бо видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ) | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **18** | -Такмил ва таҳияи кодексҳои одоби касбӣ барои кормандони соҳаҳои бештар ба хавфи баланди коррупсия гирифторбуда дар заминаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои мақомоти дахлдори давлатӣ ҷойгир кардани матни онҳо (банди 60 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия-Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум)<br><br>-Омӯзиши масъалаҳои таъсиси мансаби давлатӣ ё сохтори алоҳида дар мақомоти давлатӣ оид ба таъмини поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, муайян намудани ваколат ва нақши онҳо ва пешниҳоди таклиф (тавсияи 4.3- саволҳои мониторинги даври чорум)<br><br>-Гузаронидани мониторинги ҳолати риоя накардани Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>(тавсияи 5.5- саволҳои мониторинги даври чорум) | 18.1.Таҳия ва қабули кодексҳои соҳавии одоби касбӣ ҷиҳати таҳкими интизоми хизматӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти давлатии ба хавфи баланди коррупсия гирифторбуда | Соли 2017 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |
| | | 18.2. Назорати масъалаи дар сомонаи мақомоти давлатӣ ҷойгир кардани матни Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои соҳавӣ | Соли 2017 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |
| | | 18.3. Омӯзиши ҳолати иҷрои Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2017-2018 | Соли 2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **19** | -Тариқи пилотӣ дар ҳолати набудани бархӯрди манфиатҳо ба хизматчиёни давлатӣ додани иҷозат барои машғул шудан ба соҳибкории хурд ва фаъолияти меҳнатии инфиродӣ, ҷиҳати амалисозии ин мақсадҳо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор (банди 61 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум)<br><br>-Омӯзиши вазъи таъин ва озодшавии хизматчиёни давлатӣ дар солҳои 2016-2017 дар хизмати давлатӣ (тавсияи 4.12-саволҳои мониторинги даври чорум) | 19.1. Омӯзиши ҳолати аз мансаб рафтани хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ дар давраи солҳои 2017-2018 | Соли 2018 | Бахши махзани маълумот ва тестӣ |
| | | 19.2. Пешниҳоди роҳҳои ҳавасманд-гардонии моддӣ ва имкониятҳои гирифтани даромадҳои иловагии қонунӣ барои хизматчиёни давлатӣ бо мақсади пешгирии аз мансаб рафтани хизматчиёни давлатӣ | Соли 2018 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ |
| **20** | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи мурожиати шаҳрвандон», кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 65 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи якум) | 20.1. Ҳангоми таҳияи лоиҳаи шакли эъломияҳо, номгӯи маълумотҳои онҳо ва тартиби пур кардани он пешбинӣ намудани даромадҳои (манфиатҳои) шахсӣ аз ҷониби ҳамаи шахсони мансабдор, аз ҷумла ходимони давлатии сиёсӣ | Соли 2017 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ<br><br>Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **21** | -Такмили қонунгузории танзимкунандаи хизмати давлатӣ оид ба масъалаҳои бархӯрди манфиатҳо ва тақвият бахшидани иҷрои он. Таҳия ва пешниҳод кардани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии бархӯрди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ» (банди 66 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи дуюм)<br><br>-Таҳияи заминаи ҳуқуқии пешгирӣ ва назорати бархӯрди манфиатҳои шахсони мансабдори сиёсӣ, ҷорӣ намудани механизми амалӣ барои пешгирии бархӯрди манфиатҳо ва ҳалли баҳсҳои одобии онҳо (тавсияи 18, банди панҷум- тавсияҳои мониторинги даври сеюм) | 21.1. Мусоидат ба гурӯҳи кории Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии бархӯрди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ» | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |
| **22** | Ташкили курсҳо ва семинарҳо барои кормандони мақомоти давлатии дахлдор оид ба масъалаҳои аудити берунӣ ва дохилӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ (банди 78 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия- Агентии хизмати давлатӣ иҷрокунандаи нуҳум) | 22.1. Ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос аз рӯи барномаҳои «Қонунгузории соҳаи аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҷриба ва пешниҳодҳо», «Таъмини иҷрои қонунгузории молияи давлатӣ-омили муҳими муқовимат бо коррупсия» дар Донишкадаи идоракунии давлатӣ | Соли 2018 | Шуъбаи ташкилӣ, таҳлил ва иттилоот<br><br>Донишкадаи идоракунии давлатӣ (бо мувофиқа) |
| **23** | Мониторинги иҷрои Стратегия ва баррасии натиҷаҳои он дар гурӯҳи пешниҳод намудани ҳисобот ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ гардонидани | 23.1. Бо даъвати ташкилкунандагон иштирок дар чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ оид ба муҳокимаи натиҷаҳои иҷрои Стратегияи | Солҳои 2017-2018 | Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) ва Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул (FATF). (банди 89 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия) | муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020 ва дигар чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ | | |

Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорат

Иҷрокунанда:
Сайфуддинова Р.Р. 224-08-79